## ТАҚРИЗИ

**мушовири илмӣ дар бораи фаъолияти тахассусӣ ва илмии унвонҷӯй Собирзода Шодмон Сулаймонжон дар мавзӯи «Таъминоти институтсионалӣ ва инфрасохтории идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ (назария, методология ва амалия)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо)**

**Собирзода Шодмон Сулаймонжон** соли 2012 Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусравро бо ихтиссоси фаъолияти бонкӣ бо дипломи аъло хатм намудааст. Сипас соли 2012 ба шуъбаи магистратура ихтисоси фаъолияти бонки дохил гардида онро низ соли 2014 бо дипломи аъло хатм кардааст ва соли 2014 ҳуҷҷатҳояшро ба аспирантураи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав супорида онро соли 2017 ба анҷом расонидааст. Фаъолияти омузгориашро аз соли 2014 оғоз намуда, ҳамчун омузгор дар кафедраҳои баҳисобгирии муҳосиби, назарияи иқтисоди, менеҷмент, андоз ва андозбанди, таҳлили иқтисоди ва аудит, кору фаъолият намуда дар вазифаҳои гуногун кор кардааст, аз ҷумла:

- Аз соли 2019 то соли 2020 дар вазифаи муовини декан оид ба илми факултети менеҷменти ДДБ ба номи Носири Хусрав;
- Аз соли 2020 то соли 2021 мудири кафедраи андоз ва андозбандии факултети гумрук ва таҳлили иқтисодии ДДБ ба номи Носири Хусрав;
- Аз моҳи октябри соли 2021 то соли 2024 декани факултети гумрук ва таҳлили иқтисодии ДДБ ба номи Носири Хусрав;
- Аз моҳи марти соли 2024 мудири кафедраи таҳлили иқтисоди ва аудит-и факултети гумрук ва таҳлили иқтисодии ДДБ ба номи Носири Хусрав;
- Аз моҳи сентябри соли 2024 бо фармоиши ректори Донишгоҳ ҳамчун ходими калони илмии Раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давалатии Бохтар ба номи Носири Хусрав то инҷониб фаъолият намуда истодааст.

Диссертатсияи номзадиашро дар мавзӯи «Такмилдиҳии механизмҳои таҳия ва тадбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар мисоли вилояти Хатлон» дар Шурои дисертатсионии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дифо намудааст.

Аз 29 июни соли 2022 докторанти кафедраи менеҷменти факултети менеҷмент ва ташкили сайёҳии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав фаъолият карда, диссертатсияи илмиашро дар мавзӯи «Таъминоти институтсионалӣ ва инфрасохтории идоракунии фаъолияти

сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ **(назария, методология ва амалия)»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ саривақт барои муҳокима пешниҳод намуд. Дар ин мудат Собирзода Ш.С. худро ҳамчун мутахассиси масъулиятнок ва мустақил дар соҳаи таҳқиқоти ташаккул ва рушди назария, методология ва амалияи мавқеъи сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ нишон додааст.

Собирзода Шодмон Сулаймонжон бо дониши мукаммал, масъулияти баланд ва комилан мустақил дар иҷроиши корҳои илмӣ фарқ мекунад. Диссертатсияи ӯ бо миқдори зиёди сарчашмаҳои ибтидоии истифодашуда, ки аксари онҳо бори аввал объекти чунин тадқиқот мебошад таҳия гардидаанд. Аз нуқтаи назари таҳқиқоти илмӣ эътимоднокии навгониҳои илмӣ ва хулосаҳои баровардашуда бешубҳа ва асоснок мебошанд.

Дар боби 1. –**"Асосҳои назариявии таъминоти институтсионали инфрасохтори фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ"** муносибати институтсионалӣ доир ба таҳқиқи фаъолияти сармоягузорӣ, хусусиятҳои таъмини инфрасохториву институсионалӣ идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ, инчунин, механизмҳои институтсионалии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар боби 2.- **" Ҷанбаҳои методологии арзёбии самаранокии сармоя ва ҷанбаҳои институтсионалии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар КАС"** масаъалаҳои илмӣ вобаста ба заминаҳои методологии идоракунии сармоя ва фаъолияти сармоягузорӣ, муносибатҳои методологии арзёбии ҷанбаҳои институтсионалии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ, инчунин шароити институтсионалии ташаккули ҷолибияту фазои сармоягузорӣ ва баҳодиҳии он дар комплекси агросаноатӣ таҳқиқи шудаанд.

Дар боби 3. **"Арзёбии ҳолати рушди соҳаҳои асосии комплекси агросаноатӣ ва тамоюли сармоягузорӣ ба онҳо дар шароити ислоҳоти институтсионалӣ"** гурӯҳи муаммоҳои илмӣ вобаста ба ислоҳоти институтсионалӣ ва тараққиёти истеҳсолоти агросаноатӣ таҳқиқ шуда ҳолати сармоягузорӣ ба рушди заминаи моддию техникии корхонаҳои кишоварзӣ таҳлил ва тамоюлҳои фаъолияти сармоягузори дар комплекси агросаноатӣ муаян карда шудааст.

Дар боби 4. – **"Ҳолати муосири ташаккули рушди заминаҳои институтсионалию инфрасохтории системаи идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ"** механизмҳои институсионалии идоракунии равандҳои сармоягузорӣ пайваста бо заминҳои кишоварзӣ, тарзу услуби муайян намудани талаботи сармоягузорӣ ва таъминоти институсионалии дастгирии давлатии сармоягузорӣ, инчунин механизмҳои ифрасохториву институсионалии ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ба технологияҳои инноватсионӣ дар комплекси агросаноатӣ таҳқиқӣ шудаанд.

Дар боби 5. – **“Роҳҳои асосии такмил додани механизмҳои институтсионалӣ ва инфрасохтории идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ”** самтҳои асосии такмили сохтор, вазифаҳо ва дастгирии институтсионалии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ, инчунин асосҳои консептуалии ислоҳоти бахши аграрӣ дар самти баланд бардоштани фаъолияти сармоягузорӣ асоснок карда шудааст.

Таваҷҷуҳи докторант Собирзода Ш.С. ба омузиши масъалаҳои арзёбии сатҳи комплекси агросаноати, идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити гузариш ба иқтисодиёти саноатӣ-кишоварзӣ мебошад.

Дар раванди таҳқиқот докторант 1 монография, беш аз 33 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла, 20 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар дигар нашрияҳои ватанӣ ва хориҷӣ нашр карда, инчунин диссертатсиашро ба ҳимоя пешниҳод намудааст. Докторант худро хамчун таҳқиқотчии тахассуснок, бо тайёрии баланди назариявии доштааш дар соҳаи идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар таъмини комплекси агросаноатӣ ва донистани усулҳои муосири таҳқиқоти иқтисодӣ, методология ва методикаи гузаронидани таҳқиқоти кори илмиро нишон дода тавонист.

Саҳми муаллифро ҳамчун таҳқиқотчӣ дар интихоби дурусти мавзуи муҳими таҳқиқотии илмӣ эътироф кардан мумкин аст. Дар навбати худ хуб донистани мушкилотҳои таҳқиқот ба муаллиф имконият дод, ки дар ҷараёни навиштани диссертатсия ҳолати муосири инфрасохтори идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи КАС-и Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил карда, таҳдидҳо ва хавфҳои асосӣ ба комплекси агросаноати дар мамлакат таъсиррасонро арзёбӣ намояд.

Дар рафти таҳқиқоти кори диссертатсионӣ Собирзода Шодмон Сулаймонжон тавсияҳои мушовири илмӣ ва гуфтаҳои дигар мутахассисони соҳаро ба инобат гирифта, мувофиқан натиҷаҳои баланди илмиро соҳиб гаштааст. Ӯ кушиш кард, ки моҳияти масъалаҳои мавзуи таҳқиқотиро возеҳ кушояд ва аз натиҷаҳои гирифта, чандин маротиба дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, семинарҳо ва мизҳои мудаввари байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ баромад намояд.

Ҳангоми тавсифи Собирзода Шодмон Сулаймонжон ҳамчун корманди илмӣ бояд донишмандӣ, ташаббускорӣ, масъулиятшиносӣ, қобилияти дар сатҳи баланд ташкил кардани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, мустақилона қабул кардани қарорҳо ва муайян кардани роҳҳои расидан ба ҳадафу вазифаҳои гузошта шударо қайд кард.

Кори диссертатсионии навиштаи муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ кори илмӣ-таҳқиқотии аз ҷиҳати мантиқӣ анҷомёфта буда, дорои равишҳои нави омузиши назария, методология ва амалияи таъминоти идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ

дар комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки дорои навгониҳои илмӣ мебошад.

Натиҷаҳои илмии кори диссертатсионии Собирзода Шодмон Сулаймонжон ҳангоми раванди фаъолият ва таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи комплекси агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давалатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзӣ ва Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав татбиқ гардидааст.

Бо назардошти болозикр, ҳисоб кардан мумкин аст, ки Собирзода Шодмон Сулаймонжон мақсад ва вазифаҳои дар навиштани ӯ кори диссертатсионӣ дар наздаш гузоштаро бомуваффақият ҳал карда дар кори диссертатсионӣ равишҳои нави иқтисодиро оид ба асоснок кардани роҳҳо ва дурнамои инфрасохтори идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян кардааст.

Сохтор, мазмун ва сифати диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияи докторӣ пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он, Собирзода Шодмон Сулаймонжон, сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) мебошад.

**Мушовири илмӣ:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директор оид ба корҳои илм ва таълими Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон** **Мирсаидов А.Б.**

734024: ш. Душанбе, куч. Мирзо Ризо 6А.
Тел.: 221-67-50, E-mail: info@ied.tj

*Имзои А.Б.Мирсаидов-ро тасдиқ мекунам*

**Инспектори калони шуъбаи кадрҳои Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, н.и.и.** **Аюби Ф.**

«19» 03 2025с.